# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Вобаста ба тағйироту дигаргуниҳои азими дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа ба амал омадаистода, аҳамияти тарбияи арзишҳои ахлоқии насли наврас боз ҳам зарурати бештарро касб мекунад. Мусаллам аст, ки маҳз, таҳкурсии худшиносӣ, таҳаммулпазирӣ, хоксорӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ, ватандӯстӣ ва дигар сифатҳои ахлоқии насли наврас дар оила гузошта шуда, ин ҷараён тадриҷан дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шакли боз ҳам мукаммалу густурда идома меёбад.

Унвонҷӯ мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмиро дар муқаддима асоснок намуда, дар дастгоҳи илмии диссертатсия мақсад, вазифа, навгонӣ ва асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро муайян намудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони ватанию хориҷӣ ва озмоишҳои тӯлонӣ дар оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ унвонҷӯ ба хулоса омадааст, ки дар тарбияи сифатҳои ахлоқии насли наврас тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ яке аз мавқеҳои калидиро ишғол менамояд. Унвонҷӯ изҳор менамояд, ки ташаккули тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ масъалаи гуногунпаҳлу, мураккаб ва доманадор буда, аз омӯзгорон ва падару модарон кӯшишу заҳмати зиёдро тақозо менамояд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид маҳз ба проблема, мушкилот ва ҳаллӣ масъалаҳои ташаккули тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол бахшида шудааст. Унвонҷӯ зимни гузаронидани таҳқиқот пеш аз ҳама мушкилоти мавҷудбударо ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ ошкор намудааст. Ба ҷумлаи мушкилоти мавҷудбуда зеринҳо зикр карда шудааст: мушкилот байни дарки омӯзгорон масъулияти муассисаи таълимиро оид ба ташаккули малакаи

чуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ва мавҷуд набудани барномаи аниқ оид ба ҳалли масъалаи мазкур; мушкилот байни муқаррар намудани арзишҳои ахлоқӣ ва муқаррароти амалӣ дар вазъияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ; мушкилот байни кӯшиш оид ба нигоҳдории арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва самтгирии омӯзгорон ба таҷрибаи мавҷудбудаи тарбияи чуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол; мушкилот байни стандартҳои омодакардашудаи таълимӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва самаранокии мазмуни онҳо дар мустақилона аз худ кардани арзишҳои ахлоқӣ.

Инчунин унвонҷу кӯшиш ба харҷ додааст, ки роҳҳои дарёфти имкониятҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол ва такмили ҷараёни ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагони ин синну солро тавассути ташкили корҳои тарбиявӣ дар ҷараёни дарс ва корҳои берунаэсинфӣ пешниҳод намояд.

Унвонҷӯ комилан дуруст изҳори андеша намудааст, ки тамоми тарзи ҳаёти мактаббачагони хурдсол, муоширати ҳаррӯзаи онҳо бо ҳамсолон ва калонсолон, фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо ба тағйиротҳои куллии мақсаднок оварда мерасонад, ки дар ин миён талаботи асосии хонандагон дар ҳаёт мавқеи нави иҷтимоӣ пайдо намудан ва ҳангоми иҷрои фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ ҷойгоҳи нав ишғол намудан ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқот он нукта ба эътибор гирифта шудааст, ки тарбияи чуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол аввал дар шароити оила ташаккул меёбад ва минбаъд инкишофи ин падида дар натиҷаи ҳамкории судманди муассисаи таълимӣ ба оила самараи дилхоҳ ба бор оварда метавонад.

Шиносоӣ бо мазмуни автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷӯ воқеан ба таҳқиқи масъалаи мазкур ҷиддӣ муносибат намудааст. Бо назардошти ин, таҷрибаи оилаҳои муваффақ ва омӯзгорони пешқадамро оид ба тарбияи чуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳлилу ҷамъбаст намудааст, ки ин кори анҷомдодаи ӯ қобили дастгирист.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани чуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.


Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба корҳои
илм ва инноватсияи Донишкадаи
ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва
бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров С.Ф.

14.03.2024

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov. dti@mail.ru


*“Имзои С.Ф. Собировро тасдиқ мекунам”*

Сардори раёсати кадрҳо ва
котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода